АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМА!

# ДАРМОНБАХШ

E-mail: darmonbakhsh2017@mail.ru Нашрияи Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

№ 1 (40) 23 феврали соли 2022, чоршанбе
(Оғози нашр: соли 2017)

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ҶАМЪОМАДИ ТАНТАНАВӢ БА МУНОСИБАТИ 29-СОЛАГИИ ТАЪСИСИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ИШТИРОК НАМУДАНД

23 феврал дар Кохи Ваҳдат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади тантанавӣ ба муносибати 29-солагии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст тамоми хизматчиёни ҳарбии сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин собиқадорони хизмати ҳарбиро ба ифтихори рӯзи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрику таҳният гуфтанд.

Сарвари давлат оид ба таърихи 29 соли дар шароити ниҳоят вазнину ҳассоси иқтисодӣ ва ҳарбиву сиёсии кишвар таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат, аз имтиҳону озмоишҳои сахту сангин гузаштану ба як сохтори муташаккилу боэътимод, неруи пурқудрати ҳимоятгари давлату халқи Тоҷикистон ва яке аз шоҳсутунҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон табдил ёфтанаш андешаронӣ карданд.

Таъкид гардид, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои душвори мухолифати дохилӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ қарзи фарзандӣ ва вазифаи хизматии худро бо садоқат ба халқу Ватан иҷро карда, дар роҳи барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба эътидол овардани вазъият, безарар гардонидани гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ ва дигар унсурҳои ҷинояткор, яъне таъмин намудани волоияти қонун ва сулҳу субот дар кишвар саҳми воқеан таърихӣ гузошт.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки Ҳукумати Тоҷикистон ва мардуми сипосгузори тоҷик хотираи неки он ҷавонмардонеро, ки барои дифои Ватан ҷоннисорӣ кардаанд, ҳаргиз фаромӯш намекунанд ва хизматҳои таърихии фарзандони далеру шуҷои худро пос медоранд.



Имрӯз мо метавонем бо ифтихору қаноатмандӣ иброз намоем, ки афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ аз бисёр имтиҳону озмоишҳои сахту сангин бо сари баланд гузашта, рисолати хизмативу касбии худро бошарафона иҷро карданд ва Артиши миллии бисту нуҳ сол пеш таъсисдодаи мо ҳоло ба як сохтори воқеан боэътимод ва муназзаму муосири давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон табдил ёфтааст, — иброз доштанд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз дастовардҳои 30 соли Истиқлоли давлатӣ таъкид карданд, ки ҳифзи истиқлолу озодии давлат ва расидан ба чунин ҷашнҳои бузург, пеш аз ҳама, натиҷаи хизмати содиқонаву ватандӯстонаи ҷузъу томҳои Артиши миллӣ, дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар мебошад.

Зимни суханронӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба дастгириҳои давлатии сарбозону афсарон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот андешаронӣ карда, изҳор доштанд, ки аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ роҳбарияти давлату Ҳукумати мамлакат барои хизмат ва зиндагии онҳо тамоми шароити моддӣ ва маънавиро таъмин карда истодааст. Аз ҷумла, барои хизматчиён даҳҳо адад манзилҳои истиқоматӣ бунёд, маоши вазифавии онҳо баланд бардошта шуда, хизматҳои шоиставу содиқонаи сарбозону афсарон бо мукофотҳои давлатӣ қадр карда шуд.

Дар қисму воҳидҳои ҳарбӣ ва ҷузъу томҳо иншооти таъйиноти гуногун сохта шуда, бо техникаву лавозимоти муосири ҳарбӣ таъмин карда шуд. Дар натиҷаи бунёд кардану ба истифода супоридани иншооти зикршуда ҳоло шароити хизмат ва зиндагии хизматчиёни ҳарбӣ дар муқоиса бо солҳои аввали таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ бамаротиб беҳтар гардидааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳлили вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ, вобаста ба таҳдиду хатарҳо ҳайати фармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳ, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбиро вазифадор карданд, ки ба масъалаҳои интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, тарбияи афсарони ҷавон, баланд бардоштани сатҳи касбияти онҳо ва дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ тарбия намудани ҳайати шахсӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ дошта бошанд.

Дар охир Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо боварӣ изҳор доштанд, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат вазифаи бошарафу муқаддаси худ — ҳимояи Ватани маҳбубамон, зиндагии осоишта ва заҳмати созандаи мардуми Тоҷикистонро минбаъд низ сарбаландона, бо интизоми қавӣ, донишу малакаи муосир ва муҳимтар аз ҳама, бо рӯҳияи баланди ватандӯстӣ, садоқат ба давлат, Ватан ва халқи хеш иҷро менамоянд.

Баъди суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷамъомади идонаро ба муносибати 29-солагии таъсиси Қувваҳои мусаллаҳи кишвар барномаи рангину пурмуҳтавои консертӣ бо иштироки аҳли ҳунару фарҳанги кишвар шукӯҳи тоза бахшид, ки туҳфаи арзандае барои афсарону сарбозони содиқи ҷумҳурӣ мебошад.

**khovar.tj**





Ман низ бар онам, ки ҳама халқ бар онанд.
Саъдӣ



# ПАЁМ РАҲНАМОИ ЗИНДАГИИ МО

**ШАРИФЗОДА Манижа,**
**донишҷӯи курси 2,**
**Кори момоии КТК**



«Бо ҳамин роҳ афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъмин гардида, аз 11 миллиарди соли 1992 ба 40 миллиард сомонӣ дар соли 2021 расонида шуд, яъне қариб 4 баробар афзоиш ёфт. Бояд гуфт, ки имрӯзҳо зиёда аз 90 фоизи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба бахши хусусӣ рост меояд. Ин нишондиҳанда аз саҳми бузурги кишоварзони мамлакат дар раванди расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ – ҳифзи амнияти озуқаворӣ кишвар, махсусан, дар шароити ду соли охир пайи ҳам омадани хушксоливу камобӣ гувоҳӣ медиҳад». – омадааст дар Паёми охирони Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии кишвар.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ кишоварзони мамлакат фарҳанги истифодаи заминро омӯхтанд ва аз ҳар як ваҷаб замин самаранок истифода мебаранд. Ин аст, ки дар ду соли охир мушкилии озуқа ба сари мардуми мо омада буд ва фарҳанги истифодаи замин мардуми моро дар ин ду сол аз мушкилии нарасидани озуқа раҳо кард. Ҳатто заминҳои назди хавлигии муассисаву идораҳо, мағозаҳо ва заминҳои наздиҳавлигии хонаҳои истиқоматӣ самаранок истифода шуданд.

**Мунира ИСМОНОВА,**
**донишҷӯи курси 2,**
**Кори момоии КТК**



Баъди эълон шудани озмуни «Фурӯғи субҳи донои китоб аст» дар фарҳанги китобхонии мардум каме ҳам бошад беҳбудӣ ба мушоҳида мерасад. Наврасон, ҷавонон ва дигар табақаҳои ҷомеа дар ин озмун, ки соли сеюм аст рафта истодааст иштирок карданд. Дар Паёми 26 декабри соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ солҳои 2020 -2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф"-ро эълон карда буд. Ба хотири боз ҳам беҳтар ба омӯзиши илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ ҷалб кардани наврасону ҷавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон аз соли 2021 сар карда, ҳамасола озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Илм – фурӯғи маърифат» гузаронида мешавад. Эълон шудани озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Илм – фурӯғи маърифат» минбаъд дар рушди фанҳои дақиқ саҳми бештар гузошта метавонад.

Пешвои миллат дар Паёми навбатиашон низ ҳадафи асосии ин озмунҳоро ишора кардааст: «Хотирнишон месозам, ки ҳадафи мо аз баргузории озмунҳои «Илм–фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон–Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва олимпиадаву озмунҳои гуногун тақвияти бахшидани ҳувияти миллӣ, ҳисси ифтихор аз таърих у тамаддуни бостонии халқамон, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии мардум, қабл аз ҳама, наврасону ҷавонон, тақвияти завқи зебоипарастии онҳо ва пайдо кардани истеъдодҳои нодир аз байни наслҳоиояндасоз мебошад».

**Нодира АБДУКАРИМЗОДА,**
**донишҷӯи курси 2,**
**Кори момоии КТК**



Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҳамагӣ дар як минтақаи Кӯлоб (собиқ вилояти Кӯлоб) дар самти тандурустӣ як Муассисаи давлатии таълимии Омӯзишгоҳи тиббии Кӯлоб фаъолият мекарду халос. Дар сатҳи ҷумҳурӣ бошад ҳамагӣ як муассисаи олии тиббии давлатӣ фаъолият мекард. Шукронаи соҳибистиқлолии кишвар, ки дар 5-7 соли охир танҳо дар минтақаи Кӯлоб 6-7 адад коллеҷҳои тиббии ғайридавлатӣ ба фаъолият сар карданд. Ҳамчунин, дар кишвар дуюмин Донишгоҳи тиббӣ яъне ДДТХ (Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон) ба фаъолият сар кард. Ин маънои онро дорад, ки боз ҳазорон нафар табибон чандин ҳазор нафар кормандони дорои маълумоти миёнаи тиббӣ дошта барои аҳолии минтақаи Кӯлоб ва кишвар тайёр карда мешаванд, ки солҳои охир нарасидани мутахассисони дорои маълумоти олидор бараъло мушоҳида мешуд. Ҳамчунин, дар минтақаи Кӯлоб корхонаи коркарди гиёҳҳои шифобахш ба кор сар кард.

«Соли 1990 дар Тоҷикистон 2860 муассисаи тиббӣ бо 52800 нафар корманд фаъолият дошт. Ҳоло дар кишвар 4700 муассисаи тиббӣ бо 78 800 корманд фаъолият дорад. Дар давоми сӣ соли истиқлолият барои соҳаи тандурустӣ 187 000 нафар табиб ва корманди миёнаи тиббӣ тайёр карда шудааст. Вобаста ба зиёд гардидани ҳаҷми маблағгузории соҳаи тандурустӣ садҳо муассисаи нави тиббӣ бунёд ва бо таҷҳизоти муосири тиббӣ, нақлиёти санитарӣ ва дигар лавозимоти тиббӣ таъмин карда шуданд.» - омадааст дар Паёми навбатии Пешвои миллат.

**Марҷона КАРИМОВА,**
**донишҷӯи курси 2,**
**кори фармасевтии КТК**



«Ман борҳо таъкид кардаам ва имрӯз бори дигар бо ифтихор иброз медорам, ки ҷавонони мо дорои ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарварӣ буда, дар мубориза бо ҳама гуна хавфу хатарҳое, ки зидди давлату миллатанд, омода мебошанд ва манфиатҳои миллиро аз ҳар манфиати дигар боло медонанд. Мо бо ҷавонони бонангу номуси худ ифтихор мекунем ва барои ҳалли масъалаҳои онҳо минбаъд низ тамоми тадбирҳоро амалӣ мегардонем.» - чунин омадааст дар Паёми имсолаи Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии кишвар.

Мо ҷавонони ояндаи кишвар бо фаъолияти хуб ва таълиму тарбияи дуруст ҳамшираву бародарони шафқати оянда барои худ дастури раҳнамоӣ қабул карда, талош мекунем дар ободии кишвари маҳбуби худ саҳме гузорем. Ба кадом соҳае, ки агар назар кунем, дар онҳо мо мебинем ҷавонон паи кору фаъолият ҳастанд. Эшон талош мекунанд, бо дарки масъулият дар самти худ, соҳаи худ бо меҳнати ҳалол дар ободии кишвари мабуби худ саҳме дошта бошанд. Ин пӯшида нест барои мисол, аз сохтмони НБО Роғун сар карда, то ба самти соҳибкорӣ, ки имрӯз барои бунёди варзишгоҳу бунгоҳҳои тиббиву беморхонаҳо маблағгузорӣ карда истодаанд. Аксарияти ин соҳибкорони ҳимматбаланд ҷавонон ҳастанд.

**Нигора ИСМОНЗОДА**
**донишҷӯи курси 2,**
**кори момои КТК**



Ба қадри дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ҳар як сокини кишвар мо бояд бирасем ва шукронаи Худованд кунем, ки чунин Пешво дорему ӯ зиёда аз си сол боз ба миллат бо тамоми ҳастияш хизмат карда истодааст. Худованд ҳамеша Пешвои миллатро болои сари мо сиҳату саломат нигаҳбон бошаду бо Паёмҳои раҳнамояш роҳбаладиамон кунад. Ман худ бону ҳастам ва дар ҳар як Паёми Пешвои миллат мехонам, мебинам, ки дар сиёсати имрӯзи Ҳукумати кишвар мақоми зан мавқеи махсус дорад. Дар ҳама соҳаҳо бонувон мавқеву ҷои худро доранд. Бонувони кишвар баҳри татбиқи сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат бо ин ҳама қадрдониҳо меҳнат карда истодаанд. Мо донишҷӯдухтарон, ки ояндаи ин кишвари азизамон ҳастем барои дар амал татбиқ намудани дастурҳои дар Паём омадаи Пешвои миллат талош мекунем. Чунончӣ дар Паёми навбатӣ низ оиди мавқеъ ва мақоми зан ишора шуда буд:

«Ҳоло қариб 68 фоизи кормандони соҳаи тандурустӣ, беш аз 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 27 фоизи кормандони илм ва зиёда аз 23 фоизи онҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият доранд, занону бонувон мебошанд. Занону бонувон дар баробари фаъолият дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла илму маориф, хизмати давлатӣ, кишоварзӣ ва саноат, инчунин, дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, алоқа, сохтмону меъморӣ, бонкдорӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар низ софдилонаву содиқона заҳмат кашида истодаанд.»

**Шафоат КОМИЛОВА,**
**Мудири кафедраи забон**
**ва адабиёти тоҷикӣ КТК**



Паём аз аввал то ба охир баҳри беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагии шоистаи мардуми шарифи Тоҷикистон нигаронида шудааст. Ҷаноби олӣ, Президенти мамлакат ба рушди соҳаи маориф ва тандурустӣ таъкид намуда, иброз намуданд, ки "Ман дар сиёсати худ маорифро дар мадди аввал гузоштаам". Яъне бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад. Тарбияи нерӯи инсонӣ дар мадди аввал аст. Аз тарафи Пешвои миллат барои боз ҳам баланд бардоштани сифати забони давлатӣ ва рушди он, баланд бардоштани дониш ва касбияти омӯзгорони ҷавон қайд карда шуд. Дар Паём оид ба истифодабарии ҷавонону наврасон аз телефонҳои мобилӣ ва шабакаҳои интернетӣ, фоидаву зарари он ба саломатӣ ва беҳатарии ҷомеа ёдрас гардид. Вазифаҳои аҳли маориф ва падару модар таъкид гардид, ки ин хизмати содиқонаи ҳар яки мову шумо дар назди Ватан аст. Мо омӯзгорон бояд Нуктаҳои Паёмро, ки он меҳру муҳаббат ба ватан, хизматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми мардуми кишварро инъикос намуд, бояд сармашқи кори худ намуда, баҳри боз ҳам пешрафту гул-гулшукуфоии ватан харҷӣ бештар меҳнат намоем.

**С.ИБРОҲИМОВ,**
**Мудири кафедраи**
**«Фанҳои гуманитарӣ»-и КТК**

Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун паёмҳои қаблӣ паҳлуҳои тамоми соҳаҳои муҳими кишварро фарогир буд. Бахусус, доир ба таълими хонандагону донишҷӯён дар муассисаҳои таълимии кишвар, ки эродҳои ҷиддиро қайд намуданд, хело бамаврид мебошад. Инчунин, омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои омӯзгорон, хизматчиёни давлатӣ ва донишҷӯёну хонандагон зарур шуморида шуд. Дар воқеъ, имрӯз дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии кишвар шароитҳои омӯзиш муҳайё гардидаанд. Инчунин, тарбия намудани кадрҳои босавод, донандаи забони хуби хориҷӣ, бофарҳангу масъулиятшинос талаботҳои ҷомеаи муосири имрӯз ба ҳисоб меравад. Пешвои миллат қайд намуданд, ки: «Бо бесаводӣ ва ҷаҳолат ҷомеа ба ҷоӣе намерасад. Нисбати ояндаи фарзандон бетараф набошем, то дар зиндагӣ роҳи дурустро интихоб намоянд ва ба ҷомеа хизмати софдилона намоянд». Тули 30 – соли Истиқлолияти кишвар соҳаи маориф ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ гардида истодааст, ки ин албатта самараи бевоситаи Истиқлолияти давлатӣ ва талошҳои ҳамаҷонибаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ва дар ин роҳ, мо омӯзгоронро зарур аст, ки масъулияти бештар эҳсос намуда, барои омода намудани мутахассисони ботаҷриба барои ҷомеаи кишвар талош намоем ва нисбати тарбияи насли имрӯз бетарафӣ зоҳир нанамоем.

**"Дармонбахш"**

ДАРМОНБАХШ
АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМ

МУАССИС:
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ» БА НОМИ РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ

САРМУҲАРРИР
Билоли ШАМС

МУШОВИРОН:
Азиззода Зубайдулло Абдулло, номзади илмҳои тиб, директори МДТ "Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб" ба номи Раҳмонзода Р.А.
Назарзода Ҷумахон Шамс, мушовири директори МДТ "Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб" ба номи Раҳмонзода Р.А.
Фаридун Сафаров, номзади илмҳои тиб;
Ниёзмад Шомадов, номзади илмҳои тиб;
Латофат Ҳакимова, чонишини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 230/РЗ-97 аз 04. 12. 2020 ба қайд гирифта шудааст.

РӮЗНОМА БО ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ

ТЕЛЕФОН:
Идора: (918) 81 – 17 – 92

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт» бо теъдоди 3000 нусха чоп карда шуд.

Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНИИ МО:
735360, ш.Кӯлоб, кӯчаи А.Абдураҳмонов, 7
E-mail:
darmonbakhsh2017@mail.ru

Кас аз бешбинӣ набинад газанд.
Низомӣ



## ОЗМУНИ ХИМИКОНИ ҶАВОН

Санаи 20 – уми декабри соли 2021 дар МДТ «Коллечи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз» озмуни химикони ҷавон байни донишҷӯён аз тарафи кафедраи химия ва биология, бахшида ба "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" баргузор карда шуд. Дар озмуни мазкур донишҷӯён шартҳои гуногун, ки аз саволу ҷавоб ва иҷрои корҳои лабораторӣ аз фанни химия иборат буд иҷро намуданд. Фаъолони озмун бо ифтихорномаи раёсати муассиса сарфароз гардиданд.

"Дармонбахш"



# АЗ ТАЪРИХИ АРТИШҲОИ АВВАЛИН ВА ИҚТИДОРИ АРТИШҲОИ МУОСИР

Хотироти аз ҳама барвақти дар бораи қувваҳои мусаллаҳи иронӣ қадим дар «Авасто» маҳфуз аст. Ҳамин тавр масалан, Артиши халқӣ дар забони форсии муосир бо номи корзор маҳфуз аст \«kārzār» 'битва', «peykār»\ пайкор \мухориба\ истодагари, корвон \дар кадим – корвони харби, обоз\ аз калимаи –кара- гузаштанд аз калимаи қадимаи иронӣ номи мардонаи шахсӣ *Kāra-pāna- нигохдоранда, сарпарасти қушун. Аввалин артиши професионалии эрониёни қадим солхои \550-330 то эраи мо\ пайдо шудаанд.

Аввалин қисми низомии армияи усмонӣ дар охирҳои асри 13 аз ҷониби Усмон як яъзои қабила, муқими теппае дар Ғарби Анатолий ташкил ёфта буд. Артиши усмонӣ системаи комплексии одамҷамъкунӣ ва муҳофизатии феодалиро доро буд. Армияи усмонӣ замоне яке аз артишҳои замонавитарини ҷаҳон ба ҳисоб мерафт. Вай яке аз аввалин артишҳое буд, ки дар он мушкетҳо ва силоҳҳои артилерӣ истифода шуданд. Туркҳо аввалин маротиба соли 1422 дар муҳосираи Константинопол тупро истифода бурданд.

7 май соли 1992 бо амри Президенти ФР ҳамчун рӯзи ташкили Қувваҳои мусаллаҳи ФР ҳисобида мешавад. Аз ҳамон вақт ин ҷониб 7 май рӯзи таъсисёбии Артиши ФР ҷашн гирифта мешавад.

Рӯзи муҳофизони ватан дар Қазоқистон ба 7 май рост меояд ва аз соли 1992 ба ин су дар ин рӯз ин ид ҷашн гирифта мешавад. Рӯзи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбакистон бошад рӯзи 29 декабр ҳамчун рӯзи Артиши милии ин кишвар ҷашн гирифта мешавад. Ҳамин тариқ рӯзи Қуваҳҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Туркманистон 27 январ аз соли 1992, 3 сентябр бошад рӯзи қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Молдова, 6 декабр рӯзи Қувваҳои мусаллаҳи Украина, 22 май рӯзи Қувваҳои мусаллаҳи Қирғизистон, 26 июн рӯзи ташкилёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Озорбойҷон, 30 апрел рӯзи ташкилёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Гурҷистон, 28 январ рӯзи ташкилёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Арманистон, 11 ноябр рӯзи ташкилёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Латвия, 23 ноябр рӯзи ташкилёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Литва, ва танҳо рӯзи 23 феврал мисли кишвари мо рӯзи Артиши миллии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Белорус қайд карда мешавад. Айни ҳол артиши кишвари Эстонияро ҳамчун ананавӣ камшумор (ҳайати Қувваҳои мусаллаҳи Эстония 5500 нафар, ва бо захираи 30 ҳазор нафар), вале хуб мусаллаҳ метавон шарҳ дод. Дар вокеъ зиёда аз ҳазор нафари он бонувон (27% ҳамаи ҳайти шахсӣ), ки артиши эстониро яке аз артишҳои занонаи бештардоштаи Аврупо меҳисобанд.

10 Артиши боқувватарини дунё бо версияи Business Insider, ки ҳисоб кард. Дар вақти тартиб додан шумораи сарбозон, гуногунии силоҳ ва дигар мушаххасот ба ҳисоб гирифта шуданд. Дар рӯйхат ИМА пештоз ҳисобида шуд. Дар қатори 10 гонаи аввалӣ дар рейтинг ҷой гирифта шомил шуданд: ИМА; Шумораи аҳолӣ: 325,6 млн одам. Шумораи Қувваҳои мусаллаҳ: 2 млн одам. Буҷаи ҳарбӣ: 647 млрд доллари амрикоӣ. Руссия; Шумораи аҳолӣ: 142,2 млн одам. Шумораи Қувваҳои мусаллаҳ: 3,6 млн одам. Буҷаи ҳарбӣ: 47 млрд доллари амрикоӣ. Чин; Шумораи аҳолӣ: 1,379 млрд одам. Шумораи Қувваҳои мусаллаҳ: 2,7 млн одам. Буҷаи ҳарбӣ: 151 млрд доллари амрикоӣ. Ҳиндустон; Шумораи аҳолӣ: 1,282 млрд одам. Шумораи қувваҳои мусаллаҳ: 4,2 млн одам. Буҷаи ҳарбӣ: 47 млрд доллари амрикоӣ. Франсия; Шумораи аҳолӣ: 67 млн одам. Шумораи Қувваҳои мусаллаҳ: 388,6 ҳазор одам. Буҷаи ҳарбӣ: 40 млрд доллари амрикоӣ. Англия; Шумораи аҳолӣ: 64,8 млн одам. Шумораи Қувваҳои мусаллаҳ: 279 ҳазор одам. Буҷаи ҳарбӣ: 50 млрд доллари амрикоӣ. Кореяи Ҷанубӣ; Шумораи аҳолӣ: 51,2 млн одам. Шумораи Қувваҳои мусаллаҳ: 5,8 млн одам. Буҷаи ҳарбӣ: 40 млрд доллари амрикоӣ. Япония; Шумораи аҳолӣ: 126 млн одам. Шумораи Қувваҳои мусаллаҳ: 310 ҳазор одам. Буҷаи ҳарбӣ: 44 млрд доллари амрикоӣ.Туркия; Шумораи аҳолӣ: 80,9 млн одам. Шумораи Қувваҳои мусаллаҳ: 710,6 ҳазор одам. Буҷаи ҳарбӣ: 10,2 млрд доллари амрикоӣ. Олмон; Шумораи аҳолӣ: 80,6 млн одам. Шумораи қувваҳои мусаллаҳ: 208,6 ҳазор одам. Буҷаи ҳарбӣ: 45,2 млрд доллари амрикоӣ.

Ташкилёбии Артиши миллии мо ба солҳои ноороми кишвар рост омад. Афсарони мо дар он шабу рӯз дар сангарҳо ҷангиданд ва дар баробари ин ба ташкили воҳидҳои худ машғул буданд. Кишваре. ки ноороми буд баробари ташкил кардани Артиши худ мушкилиҳои зиёдеро аз сар мегузаронд. Бахусус, нарасидани мутахассиони касбӣ эҳсос мешуд. Бо ҳама он мушкилихо нигоҳ накарда Артиши миллии мо зина ба зина ташкил ёфт. Мақсад ва ҳадафҳои ташкили Артиши миллӣ таъмини истиқлолияти кишвар ва якпорчагиву оромии мардуми тоҷик буд. Дар масъалаи базаи асосӣ ва мерос аз собиқ Артиши Шӯравӣ бошад ба Артиши навтаъсиси мо чӣ тавре коршиносон баҳо додаанд акаллан як шамшери чубин ҳам намонда буд. Дар муддати 29 соли ташкилёбиаш Артиши миллӣ ба яке аз Артишҳои боқуввати Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, дар тамринҳои ҳарбӣ бо қувваҳои мусаллаҳи дастаҷамъии ФР, ва дигар кишварҳои ҳамсоя нишондиҳандаҳои хубро нишон дода, баҳои баланд мегирад.

**Озодамо НАЗАРОВА,**
**муалимаи кафедраи «Гуманитарӣ»-и КТК баноми Раҳмонзода Р.А**

# НАҚШИ ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МИЛЛАТ

Дар мавзеи Кулдараву мавзеи Хонақоҳи севодараи ноҳияи Ховалинг бошишгоҳи одамони қадимтарин ва аввалини дар Осиёи Миёна   зиндагӣ карда кашф шуд, ки таърихи 1 миллиону 300 ҳазор сол пеш доштаро тахмин мекунанд. Ин хабар чанд моҳ пештар дар ВАО паҳн гашта буд ва таваҷҷӯҳи муаррихон ва ҳар як тоҷики ватандӯсту худшиносро ба худ ҷалб кард. Нафари баору номус ва миллатдӯсти асил ба қадри ҳамаи ин сарзамини таърихи кӯҳандошта мерасад. Барои ба қадри ин обу хоки аҷдодӣ ва таърихи кӯҳан ва бою рангиндошта замоне мерасӣ, ки маълумоти кофитаре дошта бошӣ. Барои маълумот доштан бояд касе ва ё чизе ба ин сабаб гардад. Аз нақли волидону устодонам дар даврони собиқ Ҳукумати Шӯравӣ дар ҳар як мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ ва асосӣ маҳфили кишваршиноси ҷавон фаъолият мекардааст. Ин маҳфил аз омӯзиши маҳал ва ҳудуди атрофи маҳали худ сар карда то кишвар будааст. Маҳфил ҳар макон ва ё чизи таърихие пайдо мекардааст паи кофтуков ва сарчашмаи он мешудааст. Ҳамин тариқ бисёр мавзеҳои таърихии аҷдодӣ кашф шуданд ва паи омӯзиш қарор гирифтанд. Ва ки будану аз куҷо омадани мардуми моро бештар муаян карданд. Боз дар бораи таърихи мо сарчашмаи муътамад ва васеъ пайдо гашт. Лекин он нафарони кишваршинос ва он мамлакати абарқудрати шӯравӣ низ пош хурд, лекин он маконҳои таърихии миллати мо, халқи мо сарзамини мо дар ҷояш монд. Боз хубии кор дар он аст, ки мо худ кишвари мустақил шуда, соҳибистиқлолӣ ба даст овардем. Вале насле, ки дар замони соҳибистиқлол ба дунё омаду ба воя расид дар бораи ин мавзеҳои таърихӣ маълумоти кофӣ надорад. Ҳарчанд бисёри ин насл дар паҳлуи он мавзеҳои таърихӣ зиндагӣ доранд.

Раҷаб Қурбонов муаррихи русзабони туркман, ки дар Маскав кор ва зиндагӣ мекунад, омӯзгори ДД Маскав буда, ҷуғрофия низ дарс медиҳад. Муаррихони кишварҳои Дания, Норвегия, Шведсия, Олмон, Тоҷикистон ба як коллективи зиёда аз 40 нафара мутаҳид шуданд. Инҳо профессорон аспирантҳо, ки ба омӯхтани ин ашёҳо бозёфтҳои таърихӣ дар мавзеҳои таърихии ноҳияи Ховалинг машғул гаштанд. Экспедитсияи аввали онҳо моҳи июни соли 2021 ҷамъ шуд ва ба онҳо муяссар шуд ашёҳои таърихиро биёбанд ва паи омӯзиш шаванд. Моҳи октябри солли 2021 бошад экспедитсияи навбатии эшон дар Душанбе бо ҳам омаданд. Ва ба онҳо муяссар шуд вазифаи масштабии экспедитсия ин муаян кардани сину соли мавзеи кашф карда ин шикастапораҳоро бо методҳои таҳлилӣ муаян намоянд, ки одамони гуногун дар Тоҷикистон зиндагӣ карданд. - Хок замини Гулдара таърихи 11-12 ҳазорсола зиёд дорад. Вале сину соли тахмини 800-900 сол пешро нишон медиҳад. Ин ҳанӯз 30 сол пеш муаян карда шуда буд. Алҳол ҷомеаи байналмилалӣ, ки вобаста ба ин замин онҳо тахмин мекунанд сину соли ин мавзеи таърихӣ зиёда аз як миллион сол таърих дорад. – гуфтааст муаррих Р.Қурбонов.

Ёдгориҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷик нақши калон мебозанд. Дар мисоли минтақаи Кӯлоб динамикаи тараққии пешравии фарҳангиро метавон мушоҳида кард ва нақши ёдгориҳои дараҷаҳои гуногунро дар ташаккули намунаи таърихӣ-фарҳангии махсус, дар ҷойҳо мавзеҳои алоҳида метавон қайд кард. Гуногуншаклии ёдгориҳои фарҳангӣ, ки дар ҳудуди ин минтақа нигоҳдорӣ шудаанд, арзишҳои илмӣ таърихӣ ва умумимиллиро муаррифӣ мекунанд ва мавзуро муҳим, мубрам мегардонанд.

**Азиза САЛИМОВА,**
**муалимаи фанни таърихи халки точики КТК ба номи Раҳмонзода Р.А**

Касе к-ӯ ангубин ҷӯяд, чӣ бок аз неши занбӯраш?!
Авҳадӣ

ДАРМОНБАХШ
№ 1 (40) 23 феврали соли 2022

# АЗИЗЗОДА З: ДАР КТК БА ҶУЗ АЗ СОХТМОНИ ХОБГОҲИ ЗАМОНАВӢ СОХТМОНИ БИНОИ ИЛОВАГИИ ТАЪЛИМИ НИЗ ДАР НАҚША АСТ



Дар Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳмутулло Азиз» дар нимаи аввали моҳи феврал нишасти матбуотӣ бо иштироки доираи васеи намояндагони васоити ахбори оммаи минтақаи Кӯлоб баргузор гардид. Дар нишасти матбуотӣ роҳбари Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз» Азиззода Зубуйдулло иштирок дошт ва оиди ҷамбасти нимсолаи якуми соли таҳсили 2021-2022 ва ҷамбасти соли 2021 баромад кард.

Азиззода Зубайдулло иброз дошт, ки тули солҳои охир заминаи моддию техникии муассиса таҳким ёфта, айни замон он дорои чор бинои таълимӣ, хобгоҳ барои донишҷӯён, марказҳои таълимию табобатӣ, 141 кабинетҳои таълимӣ, 3 синфхонаи компютерӣ, майдончаи варзишӣ, як толори варзишӣ, китобхона ва толори маҷлисӣ барои 110 нафар мебошад.Ҳоло таъмири капиталии бинои асосии муассиса идома дорад. Қайд карда шуд, ки дар муассиса сохтмон ва ба истифода додани бинои иловагии таълимӣ иборат аз ду толори лексионӣ барои 120 нафар ҷойи нишаст ба нақша гирифта шудааст. Айни замон корҳои иҷозатномагирӣ ва лоиҳакашӣ идома доранд. Сохтмони биноӣ хобгоҳ барои донишҷӯён иборат аз 9 ошёна барои 700 нафар донишҷӯ идома дорад. Раванди таълим бо ҷиҳозӣ электронӣ ва аёнӣ таъмин шуда истодааст. Айни замон шумораи компютерҳо дар Коллеҷ 151-адад, принтерҳо 41-адад, тахтаҳои электронӣ 12, проектори мултимедӣ 13 ададро ташкил медиҳад. Дар коллеҷ аз рӯйи 7 ихтисос мутахассисони миёнаи тиббӣ омода карда мешаванд. Дар муассиса 16 кафедраҳои тахассусӣ ва ғайритахассусӣ, ки роҳбарии онҳоро омӯзгорони соҳиби дараҷаи илмӣ ва ё



тахассусӣ роҳбарӣ менамоянд фаъолият мекунанд.

Нахуст хабарнигори ҳафтавори «Нақлиёт» Низом Барот суол дод, ки дар КТК чанд нафар ятимони кулл таҳсил мекунанд ва чанд нафари онҳо дар хобгоҳ ва чанд нафари онҳо дар хонаҳои иҷора зиндагӣ мекунанд?

- Дар КТК 28 нафар ятимони кулл таҳсил мекунанд 22 нафари инҳо духтарон буда, дар хобгоҳ зиндагӣ мекунанд ва 6 нафари дигараш бошанд писарон ҳастанд ва онҳо бошанд дар хонаҳои иҷора зиндагӣ мекунанд. Мақсад дорем дар хобгоҳи коллеҷ, ки асосан духтарон ҳастанад барои онҳо ду ҳуҷраашро аз ин ба баъдаш омода мекунем ва минбаъд баҷаҳо ҳам дар хобгоҳи коллеҷ бояд зиндагӣ кунанд. – шунида шуд посухи З.Азиззода.

Сунати Содиқ, рӯзноманигор аз рӯзномаи "Ҷумҳурият" суол кард, ки чанд нафар донишҷӯёни муассиса бо сабаби насупоридани маблағӣ шартнома хориҷ карда шуданд?

- Мо бо сабаби насупоридани маблағи шартномаи таҳсил порсол ягон донишҷӯро хориҷ накардаем. Ҳарчанд, ки мувофиқи қонун бояд чунин дорнишҷӯ хориҷ карда шуда бошад. Мо ба онҳо мухлат додагӣ ҳастем ва хориҷ накардаем. Онҳо мувофиқи ваъдаи гирифтаи худ зина ба зина маблағи шартномаи худро оварда супорида истодаанд. Аз соли гузашта 350 ҳазор сомонӣ маблағӣ шартномаи донишҷӯён носупорида мондааст. – гуфт, роҳбарияти муассиса.

Шариф Абдулҳамид, хабарнигор аз ҳафтавори "Омӯзгор" суол кард, ки чанд нафар хатмкунандагони КТК, ба таври буҷавӣ таҳсил карда буданд бо ҷои кор таъмин шуданд ва чанд нафари онҳо бе ҷои кор монданд? Сифати таҳсилот дар КТК чӣ тавр буда, шуморо қаноатманд карда метавонад?

З.Азиззода роҳбари КТК посух дод, ки қариб 500 нафар КТК – ро хатм карданд ва сабаби ба кор сафарбар нашуданашон сабабҳои оилавӣ, таваллуд кардани кӯдак мебошад. Дар ҳақиқат нафароне низ ҳастанд, ки муассисаро тариқи буҷавӣ хатм кардаанд ва ба ҷои кор таъмин карда нашудаанд. Ман як сабабашро дар он мебинам, ки нафарони тариқи шартнома хатм карда низ дар муассисаҳо ба кор қабул карда мешаванд. Ҳол он, ки аввал бояд нафарони тариқи буҷавӣ хатм кардаанд бояд бошанд. Сифати таҳсилот ҳамаи баҳои гирифтаи донишҷӯён ҳисоб карда шуда, чанд фоиз баҳои 3, 4,5 гирифтани шогирдон ҳисоб карда шуда, сифати таҳсилот муаян карда мешавад. Ва ҳамин тавр баҳогузорӣ кардем ва он фоизи ҳисоб шуда, моро қаноат карда наметавонанд ва мо шароит ва имкониятҳои боз беҳтар кардани ин сифатро дорем.

Фирӯзи Ҳақназар сармуҳаррири ҳафтавори "Навиди Кӯлоб" Маблағи шартномаи супоридаи донишҷӯёни КТК ба кадом мақсад истифода бурда мешавад? Зафар Муродов, рӯзномаи "Кулябская правда" вобаста ба нарасидани кормандони миёнаи тиббӣ дар деҳоти кӯҳистони минтақа, Барнои Бекмадзода хабарнигори ҳафтавори "Пайк" суоли Барои чӣ чиптаҳои консерту намоишномаҳо, ки ба муассисаи шумо оварда шудааст на таърихи рӯз доранд, на суроғаи чорабинии мегузашта? Дилшод Назирмадов ТВ «Варзиш» дар масъалаи Толори варзишии КТК ва шароитҳои он барои тамрини варзишгарон мувофиқат мекунад? Исломи Раҷабалӣ рӯзномаи «Садои мардум» чанд нафар донишҷӯёни муассиса дар озмунҳои "Фӯруғи субҳи доной китоб аст" ва "Илм-фурӯғи маърифат" иштирок карданд ва сазовори ҷойҳои намоён ё худ ифтихорӣ шуданд? Чанд нафар донишҷӯёни муассиса ихтиёрӣ ба даъвати тирамоҳӣ сафарбар шуда буданд? ва дигар саволҳо дода, аз ҷониби директори коллеҷ ба саволҳои худ ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд.

Дар охири нишасти матбуотӣ Зубайдулло Азиззода ҳамаи рӯзноманигоронро ба ҳамкории судманду манфиатбахш даъват карда, нишасти матбуотии мазкурро дар пешрафти кори муассиса ба манфиат арзёбӣ намуда, ҳамчунин, ба рӯзноманигорон изҳори ташаккур намуд.

**«Дармонбахш»**

# АРТИШИ МИЛЛӢ – СИПАРИ БОЭЪТИМОДИ ВАТАН!

Зери чунин шиор санаи 22 – юми феврали соли 2022 дар Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз» ҳамоиши тантанавӣ, бахшида ба 29 – умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ҳамоиш намояндагони Ташкилоти ҷамъиятии маъюбони ҷанг дар Афғонистон иштирок намуда, суханронӣ намуданд.

Ҳамоишро директори муас-



сиса Азиззода З.А. оғоз карда, қайд намуд, ки имрӯз, ҳифзи Ватан, сулҳу субот, осоиштагии мардуми сарзаминамон – ҷавҳари асосии ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад. Боиси сарфарозии тамоми мардуми кишвар мебошад, ки тули солҳои соҳибистиқлолӣ кишвари мо бо меҳнату заҳматҳои беандозаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дорои Артиши пурқудрат гаштааст ва қодир аст, марзу буми кишвар ва осоиштагию истиқлолиятро дар ватанамон ба пуррагӣ ҳифз намоянд. Маҳз меҳнату талош ва бедорхобиҳои кормандони



Артиши миллӣ мебошад, ки оромӣ, босуботӣ ва ҳаёти осоиштаи мардуми кишвар таъмин аст.

Намояндаи Ташкилоти ҷамъиятии маъюбони ҷанг дар Афғонистон Азимов Сухроб ба сухан баромада, ҳозиринро, бахшида ба 29- умин солгарди таъсиси Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуд. Дар рафти ҳамоиш омӯзгорони кафедраи "Фанҳои гуманитарӣ" - и Коллеҷ доир ба мавзӯъҳои таърихи таъсисёбӣ ва саҳми Артиши миллӣ дар нигаҳдории сулҳу амонии кишвар маърӯзаҳои пурмуҳтаво намуданд. Қайд карда шуд, ки дар ҳақиқат, ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон тули ин солҳо барои ҳифзи марзу буми кишвар, дастовардҳои Истиқлолият, пуштибонӣ аз сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ, мубориза бар зидди исёнгарони хиёнаткор, гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ва дигар дастаҳои мусаллаҳи ҷинояткор фидокориву мардонагии зиёд нишон дода истодаанд.

**С.ИРОҲИМОВ,**
**мудири кафедраи "Фанҳои гуманитарӣ"-и КТК ба номи Раҳмонзода Р.А**

# МАВЛУДАТОН МУБОРАК!

**Маъмурият, ҳайати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз ва аҳли эҷоди рӯзномаи «Дармонбахш» ба омӯзгорон:**

**1. ДАВЛАТОВ АМРОХОН 10.02.1949, муаллими фанни ҷароҳия;**

**2. КОМИЛОВА ШАФОАТ 12.02.1959, мудири кафедраи забони тоҷикӣ;**

**3. НАЗАРЗОДА Ҷ.Ш 15.02.1968, мушовири директор;**

**4. АЮБҶОНИ ЭМОМАЛӢ, 19.02.1991, мудири кафедраи фанҳои тиббӣ;**

**5. ШАМСОВА ҶАМИЛА 20.02.1974, муаллимаи фанни забони тоҷикӣ;**

**6. ДАРЁЕВ БУЗУРГМЕҲР, 22.02.1995, омӯзгори кафедраи анатомия ва физиология;**

**7. ШАРИПОВА ДИЛАФРӮЗ 24.02.1992, мудири кафедраи момоӣ;**

**8. РУСТАМОВА МАЪРИФАТ 24.02.1980, муаллимаи фанни кимиёи биорганикӣ;**

**9. ҶАЛОЛОВ ҲУСЕЙН 24.02.1978, омӯзгори фанни забони русӣ;**

**10. МАДИНАИ АЗИЗ 25.02.1998, омӯзгори фанни асосҳои кори ҳамширагӣ;**

**11. ШАҲНОЗАИ САФАРАЛӢ 27.02.1995, муаллимаи фанни менеҷменти ҳамширагӣ;**

**ки дар моҳи феврал ҷашни мавлуд доранд ба соҳибҷашнҳо дуои бардавоми умр ва барору муваффақиятҳоро аз даргоҳи Худованди сахиву бахшоянда хоста, аз номи шоир бахрашон гуфтанием:**

**Шавед садсолаю дарде набинед,**
**Зи умри хушгузар гарде набинед.**
**Зи умри хушгузар эй ҷон ба домон,**
**Ба сад соли дигар гарде набинед.**
**Қади сарватон илоҳо хам набинад,**
**Дили шодатон илоҳо ғам набинад.**
**Илоҳо бошеду садсола бошед,**
**Ба болои сари мо соя бошед.**

**Бигузор барои амалӣ намудани нақшаҳои беохиру хоҳишҳояшон ҳамеша вақти кофиву имконият фароҳам бошад. Мавлудашонро мо муборакбод мегӯем.**

**ЗОДРӮЗ МУБОРАК ОМӮЗГОРОН ВА КОРМАНДОНИ АЗИЗ!**